CARNEGIE ENDOWMENT FOR INTERNATIONAL PEACE

20 МАРТИ СОЛИ 2025

CHINA local / global

# Чӣ тавр Чин худро ба эҳтиёҷоти Тоҷикистон барои ҳамкорӣ дар соҳаи амният мутобиқ месозад

Эдвард Лемон ва Руслан Норов

## Пешгуфтор

### Чин: Аз маҳал то ҷаҳон (China Local/Global)

Чин имрӯз ба як қудрати бузурги ҷаҳонӣ табдил ёфтааст аммо дар бораи раванди рушд ва таъсири он баҳсҳо кам ба назар мерасанд. Бисёриҳо фикр мекунанд, ки Чин танҳо модели рушди худро ба берун бурда, онро ба кишварҳои дигар талқин мекунад. Вале воқеият мураккабтар аст — намояндагони Чин инчунин тавассути ҳамкорӣ бо акторҳо ва муассисаҳои маҳаллӣ ҳангоми мутобиқ шудан ба анъанаҳо, меъёрҳо ва амалияҳои маҳаллӣ таъсири худро васеъ мекунанд.

Бунёди Карнеги тадқиқоти навро оид ба стратегияҳои ҳамкории Чин дар ҳафт минтақаи ҷаҳон — Африқо, Осиёи Марказӣ, Амрикои Лотинӣ, Шарқи Миёна ва Африқои Шимолӣ, минтақаи уқёнуси Ором, Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ роҳандозӣ кардааст. Ин лоиҳа аз тариқи маҷмӯи тадқиқот ва нишастҳои коршиносон, мавзӯъҳои мураккаберо меомӯзад, аз ҷумла: чӣ тавр ширкатҳои чинӣ фаъолияти худро ба қонунҳои меҳнатии Амрикои Лотинӣ мутобиқ месозанд, чӣ тавр бонкҳо ва фондҳои чинӣ маҳсулоти анъанавии молиявӣ ва қарзи исломиро дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Шарқи Миёна меомӯзанд, ва чӣ тавр намояндагони чинӣ ба коргарони маҳаллии дар Осиёи Марказӣ барои такмили ихтисоси онҳо кӯмак мерасонанд. Сиёсатмадорони ғарбӣ ба ин стратегияҳои тағйирёбандаи Чин, ки бо дарназардошти шароити маҳаллӣ мутобиқ мешаванд ва дар доираи он самаранок фаъолият мекунанд, диққати нокифоя дода истодаанд.

Дар ниҳоят, ҳадафи ин лоиҳа беҳтар намудани фаҳмиши нақши Чин дар ҷаҳон ва пешниҳоди ақидаҳои нави сиёсат мебошад. Ин метавонад ба фаъолони маҳаллӣ имкон диҳад, ки захираҳои Чинро барои дастгирии ҷомеаҳо ва иқтисоди худ беҳтар равона кунанд; барои кишварҳои ғарбӣ, бахусус дар минтақаҳои рӯ ба тараққӣ дарсҳои муфид пешниҳод кунанд; ба табодули таҷриба дар худи Чин мусоидат кунад; ва эҳтимолан ихтилофҳоро коҳиш диҳад.

Эван А. Фейгенбаум, Муовини раис оид ба тадқиқот,
Бунёди Карнеги барои сулҳи байналмилалӣ

## Муқаддима

Тайи даҳ соли охир, ҳукумати худкомаи Эмомалӣ Раҳмон пояҳои қудрати худро торафт мустаҳкам кардааст. Ҳамзамон, Русия ҳузури низомии худро дар Тоҷикистон коҳиш дода, дар натиҷа эътимоднокии он ҳамчун шарики амниятии Тоҷикистон зери шубҳа гардид. Ин тағйирот ба Чин имкон дод, ки дар масъалаҳои амниятии Тоҷикистон нақши бештар бозад. Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Чин ба як майдони озмоиши стратегияҳои амниятии Чин табдил шудаанд, ва сармоягузории Huawei барои бунёди зерсохтори назоратӣ, кумакҳои низомии Чин ва машқҳои муштараки ҳарбӣ байни хизматчиёни ҳарбии Тоҷикистону Чинро ба ин шаходат медихад. Афзоиши сармоягузориҳои Чин дар паси воқеаҳои ноороми минтақавӣ сурат гирифтааст. Табдил ёфтани Сурия ба паноҳгоҳи ҷангиёни хориҷӣ пас аз соли 2011 ва баровардани кушунҳои НАТО аз Афғонистон дар соли 2021 нигарониҳои амниятии ҳам Чин ва ҳам Тоҷикистонро афзоиш дода, ба ҳамкориҳои наздиктар мусоидат намуд.

Хатарҳои минтақавӣ ва ноустувории дохили кишвар дида, Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои худ сармояи чиниро ба таври ихтиёрӣ ҷалб кард. Қувваҳои амниятии Тоҷикистон бештар барои саркӯби нофармониҳои дохилӣ, бахусус ҳодисаи охирин дар Бадахшон, истифода шуда истодаанд. Дархости Тоҷикистон, на маҷбурияти Чин, шакл ва хусусиятҳои ҳамкориро муайян кард. Масалан, дар моҳи ноябри соли 2021, маҳз Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон буд, ки аз ҳукумати Чин тақозо кард як иншооти низомии навро дар Долони Вахон дар наздикии марз бо Афғонистон маблағгузорӣ кунад, на ин ки Пекин онро пешниҳод карда бошад. Дастгирии Чин ба режим кӯмак мекунад, ки аз даст надодани қудрат ва назорати захираҳои кишвар нигоҳ дорад.

## Чаро Чин Тоҷикистонро дастгирӣ мекунад?

Чин аз ҳукумати Эмомалӣ Раҳмон пуштибонӣ мекунад, зеро он як шарики дерина аст ва ба нигоҳдории субот мусоидат мекунад. Тоҷикистон — камбағалтарин кишвари Осиёи Марказӣ бо артиши заиф ва марзи тӯлонӣ бо Афғонистон — нуқтаи осебпазирест, ки террористони уйғур метавонанд барои ҳамла ва гузаронидани амалиёт дар Синҷон истифода кунанд. Дар соли 2014, Си Ҷинпин гуфта буд, ки «пас аз хуруҷи кушунҳои ИМА аз Афғонистон, гурӯҳҳои террористӣ дар наздикии марзи Афғонистон ва Покистон метавонанд ба Осиёи Марказӣ ворид шаванд. «. Ин шарҳ дуруст баромад, зеро шаҳрвандони чинӣ дар Осиёи Марказӣ ҳадафи ҳамлаҳои террористӣ шудаанд. Моҳи декабри соли 2022 гурӯҳи ДОИШ дар вилояти Хуросон ба меҳмонхонаи Кобул, ки одатан ҳайатҳои чинӣ дар онҷо ҷойгир мешуданд, ҳамла карда, панҷ шаҳрванди Чинро куштанд. Даҳҳо шаҳрванди чинӣ аз соли 2021 инҷониб дар Покистон аз ҷониби гурӯҳҳои гуногуни террористӣ кушта шудаанд. Дар моҳи ноябри соли 2024, бар асари ҳамла ба як кони чинӣ дар наздикии марзи Афғонистон як шаҳрванди Чин кушта ва чор нафари дигар маҷрӯҳ шуданд. Дар натиҷаи ин ҳуҷумҳо на танҳо коргарони чинӣ, балки сармоягузориҳои Чин низ ба зери хатар мондан. Чин маҷбур шуд, ки барномаҳои дастгирии амниятии худро дар минтақа, хусусан дар Тоҷикистон, васеътар гардонад. Гарчанде ки Русия ҳанӯз шарики асосии амниятии Тоҷикистон мебошад, нақши Чин дар кишвар босуръат меафзояд.

## Созишномаҳо, боздидҳо ва ҷаласаҳо

Дар моҳи июли соли 2024, Си Ҷинпин бо сафари давлатӣ ба Душанбе омад ва бо тантана пешвоз гирифта шуд. Зимни суханронияш ба хабарнигорон, Си таъкид кард, ки «таҳкими ҳамкориҳои амниятӣ миёни Чин ва Тоҷикистон барои рушди ҳарду кишвар муҳим аст». Президент Раҳмон аз ҷониби худ ваъда

дод, ки барои таъмини рушди устувори минтақа ва муқовимат бо чолишу таҳдидҳои муштарак ҳамкорӣ хоҳанд кард.

Боздид ва мулоқотҳои мунтазам дар сатҳи баланд ва ба имзо расидани созишномаҳо дар соҳаи амният ва технология аз таҳкими робитаҳо шаҳодат медиҳанд. Дар байни ду мамлакат 300 созишнома имзо карда шуд, ки соҳаҳои зиёдеро дарбар мегиранд, инчунин созишномаҳои гуногуни Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), ки ҳар ду кишвар аъзои бунёдгузори он мебошанд. Созишномаҳои калидӣ оид ба масоили амниятӣ байни ду кишвар, созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва созишномаи ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм, ҷудоихоҳӣ ва ифротгароиро дарбар мегирад, ки дар солҳои 2002 ва 2003 ба имзо расидаанд. Дар соли 2024, Тоҷикистон ва Чин ҳамчунин созишномаи Шарикии стратегии ҳамаҷонибаро имзо карданд, ки муносибатҳоро боз ҳам таҳким бахшиданд.

Нишастҳо мунтазам баргузор мешаванд. Байни солҳои 1992 ва 2023, на кам аз 117 вохӯрии мақомдорони баландпояи ҳар ду кишвар барои баррасии масъалаҳои амниятӣ сурат гирифт. Вохӯриҳо бахшида ба масъалахои амният байни Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бо Вазорати амнияти ҷамъиятии Чин (ВАҶ), инчунин байни вазоратҳои мудофиа, корҳои хориҷӣ, ва прокуратураи кулли ҳарду кишвар зуд-зуд баргузор мешаванд.

## Омӯзиш ва тамринҳои муштараки низомӣ

Ҳукумати Чин омӯзиши мақомдорони амниятии Тоҷикистонро бештар гузаронида истодааст. Дар ин кор вазорати амнияти ҷамъиятии Чин нақши асосиро мебозад. Нива Яу, коршиноси Маркази ҷаҳонии Чин дар доираи Шӯрои Атлантик, руйхати чорабиниҳои омӯзиширо байни мақомоти Тоҷикистон ва Чин то соли 2021 омода кард. Вай муайян кардааст, ки аз 21 чорабинии муайяншуда, 15-тои онро Вазорати амнияти ҷамъиятии Чин ташкил кардааст. Сохторҳои давлатии дигари Чин ҳам дар ин самт фаъоланд. Масалан, дар моҳи октябри соли 2024, ҳайати Донишгоҳи полиси ҷиноятии Чин ба 27 мансабдори Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон омузиш ташкил кард. Онҳо таҳқиқи саҳнаи ҷиноят, терроризм дар Чин, мубориза бо шустушӯи пул, маводи мухаддир ва ҷиноятҳои кибериро омухтанд. Тренингхо барои Агентии назорати маводи нашъаовари Тоҷикистон низ гузаронида шуд.

Тоҷикистон аз соли 2002 то 2023 дар 19 аз 36 тамринҳои муштараки низомии Чин бо қувваҳои мусаллаҳи кишварҳои Осиёи Марказӣ ширкат варзидааст. Аксари онҳо дар чаҳорчӯби СҲШ баргузор шуданд, ва шаш дона тамрин дуҷониба буд (нигаред ба ҷадвали 1).

Дар ин тамринҳо ҳам воҳидҳои низомӣ ва ҳам қувваҳои амнияти дохилӣ иштирок карданд. Ҳадафи онҳо таъмини амнияти сарҳад ва баргузории амалиёти зиддитеррористӣ бо назардошти нигаронии умумӣ аз вуруди террористон аз марзи Тоҷикистону Афғонистон ва тарси ҳукумати Тоҷикистон аз нооромиҳои дохилӣ ё табаддулот аст. Дар соли 2023, Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати амнияти ҷамъиятӣ Чин уҳдадор шуд, ки ҳар ду сол як маротиба тамринҳои зиддитеррористӣ баргузор кунад, ки нишонаи таҳкими робитаҳо мебошад. Омӯзиш ва тамринҳо қобилияти қувваҳои амниятиро барои саркӯб кардани шӯришҳо баланд мебардоранд. Тамринҳо барои тақлид кардани вазъиятҳои ноороми хурдмиқёсро, ки аз соли 1991 ба ин сӯ такроран рух медиҳанд, тарҳрезӣ шудаанд. Гарчанде ки ин тамринҳо ҳамчун мубориза бо терроризм муаррифӣ мешаванд, аксари хушунатҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон бар асари муборизаи дохилӣ барои назорати сиёсӣ рух додаанд. Кумаки Чин, ки асосан ба мубориза бо терроризм ва амнияти марзӣ нигаронида шудааст, барои режиме, ки ҳадафаш саркӯб кардани мухолифат аст, айнан мувофиқ меояд.

## Ҷадвали 1. Тамринҳои муштараки Чин-Тоҷикистон

| Ном | Сол | Шумораи хизматчиёни ҳарбӣ | Ниҳодҳо | Тавсиф | Манбаъ |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамкорӣ 2006 | 2006 | 450 | Артиши мардумии озодихоҳи Чин (АМОЧ)/ВМ | Дар нахустин тамрини муштараки низомӣ, Чин ва Тоҷикистон ҳуҷуми террористиро тақлид карданд | Ширкати иттилоотии рӯзномаи мардумии Чин (CDIC) |
| Тамрини Тоҷикистон-Чин | 2015 | 100 | ВАЧ/ВКД | Тамрини муштарак дар маркази омӯзишии наздики шаҳри Ваҳдат баргузор шуд. Машқ сенарияи мубориза бо гурӯҳи террористӣ дар шароити кӯҳистон дарбар мегирифт | ASIA-Plus |
| Тамрини низомии бе ном | 2016 | 10,000 | АМОЧ/ВМ | Машқ бо иштироки зиёда аз 10,000 сарбоз, аз ҷумла ротаи гурӯҳи мобилии АМОЧ, техникаи ҳарбӣ ва чархболҳо, дар наздикии марзи Афғонистон баргузор шуд ва ҳамлаи мусаллаҳонаро тақлид мекард | ASIA-Plus |
| Ҳамкорӣ-2019 | 2019 | 1,200 | АМОЧ/ВМ | Ин тамрин дар Ҷилонди, ВМКБ, баргузор шуд. Қувваҳои ширкаткунанда тамринҳои муштараки разведка, назорати ҳамаҷониба, наҷотдиҳӣ ва зарбаи оташнишонӣ ба “террористон” анҷом доданд. Самолётхои кувваxои харбии хавоии Хитой, самолётхои киркунандаи бомбаандоз ва самолётхои бесарнишин (УАВ) таъин карда шуданд, ки ба пинхонгоххои «террористхо» зарбахои аник расонанд. | Вазорати мудофиаи миллии Чин |
| Ҳамкории зиддитеррористӣ 2021 | 2021 | 100 | ВАЧ/ВКД | Тамрини «Ҳамоҳангсозии зиддитеррористӣ-2021» бо мақсади мубориза бо таҳдидҳои террористӣ ва ифротгароӣ, ки дар ду кишвар рӯбарӯ ҳастанд ва баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои сохторҳои қудратӣ доир гардид. | South China Morning Post |
| Тамрини низомии бе ном | 2022 | 100 | ВАЧ/ВКД/ КДАМ | Машқҳои тактикӣ барои пешгирӣ ва рафъи ҳамлаҳои ногаҳонии гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ба иншооти корхонаи металлургии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Покрут» дар шаҳри Ваҳдат гузаронида шуданд. | Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон |

## Иншооти ҳарбикунонидашуда, посбонии муштарак ва амалиётҳо

Дар соли 2016, Вазорати амнияти ҷамъиятии Чин як иншооти ҳарбикунонидашударо дар минтақаи Помири Тоҷикистон сохт. Ин иншоот дар масофаи тақрибан 16 км аз сарҳади Афғонистон ҷойгир шуда, ҷой барои 500 нафар кормандон ва як истгоҳи чархболро дар бар мегирад. Ин аввалин иншооти амниятии Чин дар минтақа ва аввалин берун аз қаламрави он аст. Баъдтар Чин ҳузури худро васеъ карда, дар Ҷибути, Куба ва Аргентина ин намуд иншоотро таъсис дод.

Дар соли 2023, Донишгоҳи Ланҷоуи Чин як стансияи метеорологиро дар ҷануби Тоҷикистон наздики сарҳад бо Афғонистон ва Ӯзбекистон бунёд кард. Он расман барои назорати иқлим ва муҳити зист истифода мешавад, аммо инчунин метавонад барои зери назар гирифтани ҳаракати ҷангҷӯён дар Афғонистони ҳамсоя низ истифода шавад. Донишгоҳи Ланчжоу бо саноати дифоъи Чин робитаҳои собитшуда дорад. Чин на он қадар ҳукумати Тоҷикистонро маҷбур мекунад, ки ҳузури худро бипазирад, балки ҷониби Тоҷикистон одатан худаш аз дастгирии иловагии Чин дархост мекунад. СҲШ, ки дар он Чин нуфузи калон дорад, таъсиси маркази дуюми минтақавии зиддитеррористиро (маркази аввалин соли 2004 дар Тошканд ифтитоҳ шудааст) баррасӣ кардааст. Раҳмон ҳангоми суханронӣ бо расонаҳои чинӣ дар соли 2024 қайд кард, ки «Тоҷикистон дар хати пеши мубориза бо таҳдиди маводи нашъаоварӣ қарор дорад, аз ин рӯ ҷойгир кардани ин маркази [зиддитеррористии] СҲШ-ро дар Тоҷикистон аз рӯи адолат аст».

Чин ҳамкориҳоро бо Тоҷикистон дар масалаи амнияти марзӣ низ тақвият додааст. Тоҷикистон ва Чин 494,94 км сарҳади муштарак доранд, ки дар соли 2011 пурра делимитатсия карда шуд. Аз он вақт инҷониб, ҳамкорӣ байни Полиси мусаллаҳи халқӣ ва Артиши мардумии озодихоҳи Чин бо Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон, ки масъули амнияти сарҳад мебошанд, тақвият ёфтааст.

Амалиёти муштарак бо иштироки беш аз 5000 афсари пулис дар моҳи ноябри соли 2014 ба дастгиршавии 38 қочоқчии маводи мухаддир анҷомид. Қувваҳои Чин ва Тоҷикистон дар солҳои 2017 ва 2019 низ дар марз гаштҳои муштарак гузарониданд. Чунин тамринҳо барои ҳарду тараф манфиатовар буда, бахусус иқтидори ҷониби Тоҷиконро дар нигоҳдории амният ва нигоҳ доштани қудрати режим тақвият мебахшанд.

## Кумак дар таъмини амният ва таъмини силоҳ

Русия таъминкунандаи аслии силоҳ, таҷҳизоти ғайримарговар ва дигар намуди кумаки низомӣ ба Тоҷикистон аст, ки аз соли 1991 ба ин сӯ беш аз 90 дарсади таҷҳизоти ҳарбиашро таъмин мекунад. Аммо дар солҳои ахир Чин нуфузи худро афзоиш додааст.

Мувофиқи расонаҳои маҳаллӣ, аз соли 1991 то 2006 Чин ба Вазорати мудофиаи Тоҷикистон на кам аз 10 миллион доллар кумак кардааст. Аз он вақт инҷониб, аслиҳаи сохти Чин дар парадҳои низомии кишвар бештар ба назар мерасад. Аз ҷумлаи таҷҳизоте, ки аз соли 2018 аз Чин ба Тоҷикистон ҳадя шудааст, мошинаҳои зиреҳпӯши зиддиминаи Norinco VP-11, воситаҳои нақлиёти Shaanxi Baoji Tiger, воситаҳои зиреҳпӯши сабуки тактикии Norinco CS/VN3, милтиқи Type 56-3 калибри 7.62 мм, туфангҳои LR2 калибри 12.7 мм ва миномётҳои худгарди CS/SS4 калибри 82 мм мебошанд. Ҷониби Чин инчунин таҷҳизоти ғайриҳарбӣ додааст. Вазорати амнияти ҷамъиятии Чин ба Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон ба маблағи 500 000 доллар таҷҳизоти ғайриҳарбӣ дар соли 2011 ва 150 000 доллар сару либос дар соли 2015 туҳфа кардааст.

Ғайр аз таъмин силоҳ ва таҷҳизот, Чин инчунин ба сохтмони иншоот барои қувваҳои амниятии Тоҷикистон махсусан диққат додааст. Ҷадвали зерин (ҷадвали 2) баъзе лоиҳаҳои асосиро нишон медиҳад:

## Ҷадвали 2. Инфрасохтори ҳарбии аз ҷониби Чин маблағгузоришуда дар Тоҷикистон

| Сол | Лоиҳа | Маблағ | Бенефитсиар | Манбаъ |
|---|---|---|---|---|
| 2011 | Сохтани комплекс барои Вазорати корҳои дохилӣ | $19 миллион | Вазорати корҳои дохилӣ | Avesta |
| 2016 | Сохтмони 10 посгоҳи сарҳадӣ дар марзи Тоҷикистону Афғонистон | Маълум нест | Кумитаи давлатии амнияти миллӣ | ASIA-Plus |
| 2016 | Сохтмони бинои сеошёна барои Агентии назорати маводи нашъаоварии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб | Маълум нест | Агентии назорати маводи нашъаоварӣ | XINHUANET.com |
| 2018 | Сохтмони Маркази мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва ҷудоихоҳӣ Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон | Маълум нест | Вазорати корҳои дохилӣ | Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 2019 | Сохтмони бинои афсарон | $19 миллион | Вазорати мудофиа | ASIA-Plus |
| 2021 | Сохтмони пойгоҳ дар Лангар, ВМКБ барои Қувваҳои зудамали Вазорати корҳои дохилӣ | $8.9 миллион | Вазорати корҳои дохилӣ | RFE/RL |
| 2024 | Сохтмони бинои Муассисаи давлатӣ барои омӯзиши кадрҳои баландпояи ҳарбӣ дар Душанбе | Маълум нест | Вазорати мудофиа | Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |

Маросими ифтитоҳи бисёре аз ин иншоот бо иштироки мақомдорони баландпоя, аз ҷумла Президент Раҳмон, вазирони ҳарду кишвар ва сафири Чин, баргузор гардид, ки аз аҳамияти хос ба ин самти ҳамкорӣ шаҳодат медиҳад. Сохтмони иншооти ҳарбикунонидашуда, маҷмааҳои сарҳадӣ ва марказҳои омӯзишӣ зимнан вобастагии Тоҷикистон аз технология ва инфрасохтори чинӣ зиёдтар мегардонад, ки дар пешомади дарозмуҳлат метавонад мустақилияти ӯро дар қабули қарорҳо дар соҳаи амният маҳдуд кунад. Аммо, дар баробари ин, иншооти беҳтар ва таҷҳизоти замонавӣ тавоноии режимро барои нигоҳ доштани назорат тақвият медиҳад.

## Шаҳрҳои ҳушманд ва назорати видеоӣ

Чин ҳамчун давлати пешрафта дар соҳаи авторитаризми рақамӣ бо истифодаи технологияи назоратӣ шинохта шудааст. Дар соли 2015, Чин «Роҳи абрешими рақамӣ»-ро барои рушди инфрасохтори нав роҳандозӣ кард. Ин сармоягузориҳо инфрасохтори рақамӣ технологияи 5G, шаҳрҳои ҳушманд, хизматрасониҳои абрӣ ва кабелҳои нахи-нуриро дар бар мегирад. Тоҷикистон ҳам ба ин барнома пайваст шуд. Душанбе лоиҳаи «Шаҳри бехатар»-ро дар соли 2013 бо дастгирии Huawei ва қарзи 21 миллион доллар аз Бонки содироту воридоти Чин оғоз карда, 870 камера дар пойтахт насб кард. Huawei ба бештар аз 50 корманди Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистонро барои насб ва истифодаи низоми нави назоратиро омӯзиш гузаронидааст.

Таҷҳизоти коммуникатсионии Huawei тақрибан ба 9 миллион истифодабарандагони маҳаллии алоқаи бесим, ё зиёда аз 70 фоизи бозорро хидмат мерасонад. Дар соли 2023, Huawei созишномае имзо кард, ки тибқи он 7600 стансияиҳои мобилӣ дар саросари кишвар насб хоҳад кард, то ки дастрасӣ ба интернети мобилиро таъмин намояд. Ширкати чинии Hytera барои ҷаласаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соли 2019 ва ҷаласаи СҲШ дар соли 2021 дар Душанбе таҷҳизоти радиоӣ таъмин кардааст.

Технологияи чинӣ инчунин имкон дод, ки трафики интернет назорат карда шавад. Дар ҳамкорӣ бо хадамотҳои амниятӣ, Хадамоти алоқаи давлатии Тоҷикистон «Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи электронӣ»-ро дар соли 2016 ба маблағи 50 миллион доллар таъсис дод. Таҷҳизот аз ширкати чинии ZTE харидорӣ шуд. Ҳукумат иддао кард, ки ин система барои «таъмини амнияти миллӣ ва иттилоотӣ», инчунин назорати «трафики хокистарӣ» ва суҳбатҳои телефонӣ пешбинӣ шудааст. Аммо дар асл, ин технология ба ҳукумат имкон медиҳад фаъолияти онлайни шаҳрвандонро таҳти назорат гирад ва ҳатто дар замони буҳрон алоқаи мобилӣ ва интернети бесимро пурра қатъ кунад — амале, ки дар минтақаи Бадахшон аз соли 2018 инҷониб чандин маротиба анҷом дода шудааст.

Аммо ин вобастагии технологӣ аз нигоҳи амнияти миллӣ боиси нигаронист. Дохил кардани технологияҳои чинӣ ба соҳаҳои калидӣ, аз қабили ҳукумати электронӣ, системаҳои ҳушманди нақлиёт ва низомҳои идоракунии шаҳрӣ ба Huawei дастрасии бевосита ба шабакаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии Тоҷикистонро фароҳам меорад. Маълум нест, ки оё ҳукумат аз ин нигарон аст ё не, аммо мақомотҳои маҳаллӣ фаъолона сармоягузории навро дархост мекунанд. Президент Раҳмон бо ширкатҳои технологии чинӣ мунтазам мулоқот мегузаронад. Дар соли 2015, ӯ хоҳиши худро дар мавриди васеъ кардани ҳузури ZTE дар кишвар баён кард. Ин хоҳишро барои сармоягузории бештари Чин дар соҳаи технологии кишвар ҳангоми сафараш ба Чин дар соли 2022 боз такрор кард. Дар соли 2022, ширкати чинии Hytera Public Safety Solutions барои 30 мансабдори ҳукуматӣ намоише баргузор кард, ки дар он технологияи назоратии худро муаррифӣ намуда, ҳамкориро бо мақомотҳои давлатӣ барқарор кунад. Сардори раёсати алоқаи Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон гуфт, ки онҳо «ба натиҷаҳои аҷиб ноил шуданд».

### Чорчӯби 1: Омӯзиши мисоли минтақаи Помир

Аз соли 2013 ба ин сӯ, Чин ба Тоҷикистон камераҳои назоратӣ додааст, ки дар минтақаи ноороми Помир насб шуда буданд. Кӯҳистони Помир, ки қариб нисфи Тоҷикистонро дар бар мегирад, макони зисти аҳолии таҳҷоии қавмҳои гуногун аст, ки онҳо назар ба аҳолии аксари кишвар мазҳаби дигар доранд. Дар муддати тӯлонӣ Душанбе мехоҳад дар Помир назорати марказии худро тақвият бахшад. Барои ин кор, Тоҷикистон бо дарёфти кумак аз Чин, ки бо Помир марзи муштарак дорад ва ягона рохи транзити заминӣ тавассути ин минтақа мегузарад, шарики дилхоҳ пайдо кард. Пас аз эътирозҳои моҳи ноябри соли 2021 дар шаҳри Хоруғу ноҳияи Рушон, ки баъди куштори сокини маҳаллӣ Гулбиддин Зиёбеков аз ҷониби пулис оғоз шудаанд, аз моҳи марти соли 2023 камераҳои сохти Чин дар минтақа насб шудан гирифтанд. Ба гуфтаи мансабдорон, ин кор «барои таъмини тартибот, оромӣ ва амнияти ҷамъиятӣ, ошкору пешгирӣ кардани вайронкуниҳои қонун ва ҷиноятҳо дар зиндагии ҳаррӯза» равона шудааст.

Субот барои мақомдорони Тоҷикистон ниҳоят муҳим аст, зеро он ба ҷалби бештари сармояи чинӣ мусоидат мекунад. Ин сармоягузориҳо амниятро таҳким бахшида, ба суботи кишвар мусоидат мекунанд. Кӯҳҳои Помир аз тиллову нуқра, мис ва дигар маъданҳо фоиданок бой мебошанд. Солхои охир ба истихрочи литий, ки элементи мухими истехсоли мошинхои электрики мебошад, диккати махсус дода мешавад. Аксари конҳо дар ҷануби Помир воқеъ шудаанд. Аммо аз сабаби набудани зерсохтор ва хатари бесуботӣ дар минтақа коркарди конҳоро душвор мегардонад. Дар моҳи август, Вазири саноат ва технологияҳои нав Шералӣ Кабир эълон кард, ки бо сармоягузории чинӣ дар Ишкошим, ноҳияи наздимарзӣ бо Афғонистон, корхонаи коркард ва истихроҷи литий бунёд мегардад.

Чин ба низоми ҳуқуқии Тоҷикистон асосан тавассути Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) таъсир мерасонад. СҲШ як платформаест, ки дар он кишварҳо масъалаҳои минтақавӣ, аз қабили амнияти иттилоотӣ, соҳибихтиёрии киберӣ ва соҳибихтиёрии интернетро баррасӣ мекунанд. Ин консепсияҳо ба ҳукуматҳо дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва назорат кардани фаъолияти онлайн, ки метавонанд хатарнок бошанд, кӯмак мерасонанд.

Чин бо мансабдорони Осиёи Марказӣ барои эҷоди қоидаҳо ва стандартҳои муштарак ҳамкорӣ мекунад. Масалан, Ҷаласаи байналмилалии вакилони парлумонҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки дар моҳи октябри соли 2024 дар Чин баргузор гардид. Дар ин чорабинӣ намояндагон табодули қонунҳои намунавӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилоти мухталифро баррасӣ карданд. Ҳайати Тоҷикистон ба таҳияи равишҳои муштарак ба мубориза бо ифротгарой таваҷҷӯҳи махсус изҳор намуд. Чунин табодули афкор ва таҷрибаҳо ба ҷониби Тоҷикистон кумак мекунад, ки назоратро бо истифода аз бархӯрди чинӣ дар идоракунии ҷомеа, ба мисли таҷрибаи Чин дар Шинҷон тақвият диҳад.

Системаи «Шаҳри бехатар», ки ба идоракунии нақлиёт ва тартиботи ҷамъиятӣ алоқаманд аст, танҳо як қисми стратегияи васеътари ҷорӣ намудани технологияҳои назоратӣ мебошад. Ин лоиҳаҳо ба воситаи муҳими мониторинг ва назорати ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил меёбанд. Чин ин ҳамкориро бар сари Тоҷикистон таҳмил намекунад. Баръакс, худи мақомоти Тоҷикистон барои пурзӯр кардани назорат ва саркӯб кардани сарчашмаҳои эҳтимолии норозигӣ дар ҷомеа барои гирифтани ин намуд системаҳо талош доранд.

## Хулоса

Тоҷикистон намунаи равшанест, ки чӣ гуна ҳукуматҳои маҳаллӣ барои мустаҳкам кардани қудрати худ ба Чин такя мекунанд. Тайи ду даҳсолаи охир, Пекин тавассути воситаҳои молиявӣ, технологӣ ва ҳарбӣ ҳузури худро дар ин кишвар торафт густариш додааст. Бо вуҷуди он ки вобастагӣ аз Чин рӯз то рӯз меафзояд, Тоҷикистон ҳанӯз ҳам равобитро ба нафъи худ сохта, навъ ва шакли кумакҳои пешниҳодшударо мувофиқи манфиатҳои худ муайян менамояд.

Чин Тоҷикистонро ҳамчун як майдони озмоиши нуфузаш истифода мебарад. Усулҳоеро, ки дар ин ҷо истифода мебарад, баъдан дар кишварҳои дигари минтақа ба амал гирифта метавонад. Ҳамкорӣ бо Тоҷикистон нишон медиҳад, ки чӣ тавр Чин технологияҳои худ, аз ҷумла дастовардҳои Huawei дар соҳаи 5G ва шаҳрҳои ҳушманд, бомуваффақият ҷорӣ мекунад. Инчунин ин намунаи он аст, ки Чин аз режимҳои худкома тавассути кӯмаки молиявӣ, иқтисодӣ ва низомӣ пуштибонӣ мекунад. Чин бо фиристодани силоҳ ва иштирок дар тамринҳои муштараки низомӣ, ҳузури низомии худро дар Тоҷикистон рӯз ба рӯз мустаҳкам мекунад. Ин технологияҳо ва кӯмакҳои низомӣ режими авторитариро мустаҳкам мекунанд ва ба он имкон медиҳанд, ки қудрати худро тавассути саркӯб кардани мухолифин ва безарар гардонидани ҳама гуна кӯшиши муқовимат таҳким бахшад.

*Ҳамаи пайвандҳои сарчашмаҳоро дар нашрияи аслии англисӣ, тавассути пайванди зерин, ёфтан мумкин аст:* [*https://carnegieendowment.org/posts/2025/03/how-china-is-adapting-to-tajikistans-demand-for-security-cooperation?lang=en*](https://carnegieendowment.org/posts/2025/03/how-china-is-adapting-to-tajikistans-demand-for-security-cooperation?lang=en)

CARNEGIE
ENDOWMENT FOR
INTERNATIONAL PEACE

*© 2025 Бунёди Карнеги дар масъалаҳои сиёсати. Ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфузанд.*

*Бунёди Карнеги дар масъалаҳои сиёсати давлатӣ мавқеи расмӣ надорад; назарҳои дар ин ҷо пешниҳодшуда танҳо фикри муаллиф(он) ва ҳатман нуқтаи назари Карнеги, кормандони он ё шахсони бовариноки онро инъикос намекунанд.*